2015

С. Саидов, А. Мирзоалиева,

Б.Ҳабибуллоев

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК (АСРҲОИ XI – XII)



Душанбе – 2014

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

С. Саидов, А. Мирзоалиева,
Б.Ҳабибуллоев

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК
# (АСРҲОИ XI- XII)

Душанбе – 2014

3.09

Дастури таълимии «Таърихи адабиёти тоҷик» (асрҳои XI-XII) мураттибон: С.Саидов, А.Мирзоалиева, Б. Ҳабибуллоев (**нашри дуюм бо таҳриру иловаҳо**)барои донишҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ, муаллимони забон ва адабиёти макотиби таҳсилоти умумӣ, аспирантҳо, магистирҳо ва дигар мухлисони каломи ноби форсӣ пешбинӣ шудааст. Дар дастури таълимӣ маводи фаровони илмӣ-тадқиқотӣ роҷеъ ба рӯзгор ва эҷодиёти намояндагони адабиёти асрҳои XI-XII гирдоварӣ шуда, ба мутолеаи толибони илм пешниҳод гардидааст.

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С.АЙНӢ
Уч/ф ____________

# Пешгуфтор

Китоби мазкур бо назардошти усули кредитии таълим дар ҳаҷми (48 соат лексия, 8 соат амалӣ, 8 соат КМРО ва 32 соат КМД ҷамъ 96 соат) дар асоси барномаи комплексии фанҳои «Адабиёти тоҷик»-и нашри соли 2009 (мураттибон С.Саидов ва А.Худойдодов) мураттаб гардидааст. Дар китоб маводҳои илмию назарӣ ва бадеӣ оид ба таърихи адабиёти асрҳои XI-XII-и тоҷику форс ба сатҳи дониш ва талаботи донишҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва муаллимони забон ва адабиёти макотиби таҳсилоти миёна гирдоварӣ шудааст.

Ин давраи таърихи адабиёти классикии тоҷику форс мувофиқи нақшаи таълимии соли 2014 дар курси дуюм дар нимсолаи аввал таълим дода мешавад ва яке аз сернамояндатарин марҳилаҳои адабиёти классикӣ маҳсуб меёбад. Бо назардошти он ки ин марҳила сернамояндааст, мураттибон кӯшиш кардаанд барои донишҷӯён на танҳо роҷеъ ба вазъи сиёсӣ- иҷтимоии давра, ҳаёти адабӣ, марказҳои илмию адабӣ, ҷараёнҳои фалсафии моддиюн, илоҳиюн, китабиюн, ақлиюн, тасаввуф ва ғ. инчунин дар бораи ҳаёт ва мероси адабии машҳуртарин намояндагони адабиёти ин давра сарчашмаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва адабию бадеӣ ва таърихӣ пешниҳод намудаанд, ки имконияти ҳифзу омӯхтан ва тадриси таърихи адабиёти асрҳои XI-XII-ро ба донишҷӯён ва омӯзгорон сабук мегардонад.

Аз ҷумла дар китоб ба жанр ва шаклҳои адабиёти давра, маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, тазкираҳо, намунаҳои осори илмӣ, осори мансуру манзум ва аҳамияти онҳо дар омӯзиши адабиёти асрҳои XI-XII

эътибори чиддӣ дода шудааст. Махсусан, масъалаи жанр, шакл ва мавзӯи адабиёти равияи дарбор ва берун аз дарбор, мавқеи қасида, ғазал, рубоӣ, мусаммат ва дигар жанрҳои ғиноӣ, масъалаи хусусиятҳои жанрии маснавию достон, достонҳои лирикӣ, ишқии лирикӣ ва достонҳои ишқӣ-романтикӣ, таърихӣ, фалсафӣ, тасаввуфӣ, панду ахлоқӣ дар асрҳои X- XII, умумият ва тафовути онҳо сухан рафтааст. Илова ба ин, масъалаи сабк ва услуби баёни адибони ин давра, таъкид ва баррасии таърихи пайдоиш ва рушду такоммули сабки ироқӣ ва намояндагони маъруфи он низ аз madди назари муаллифон дур намондааст. Ҳамзамон, дар китоби мазкур роҷеъ ба адабиёти тасаввуфӣ ва сабабҳои инкишофи он, майлҳои халқӣ - демократӣ ва феодалӣ дар ҳаракати тасаввуф ва осори намояндагони он маълумот дода мешавад, ки барои тадрису омӯзиши донишҷӯён аз фоида холӣ нест.

Муаллифони китоб дар бораи хаёт ва эҷодиёти Носири Хусрав, Асадии Тусӣ, Ҳаким Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Унсурмаолии Кайковус, Адиб Собири Тирмизӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Фахриддини Гургонӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Абулмаолии Насруллоҳ, Ҳаким Саноӣ. Атори Нишопурӣ, Ҳоқонии Шервонӣ, Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Анварии Абевардӣ маълумоти мукаммалу муфассал ҷойгузин намудаанд.Муаллифон дар охир аз осори мансур ва манзуми адибони асрҳои XI-XII ба таври баргузида ба хониши мустақилонаи донишҷӯён мавод тавсия намуда, номгӯи адабиёти зарурӣ барои ҳамаи мавзӯъҳои таълимӣ низ пешниҳод кардаанд, ки барои омӯзиш муфид ва судманданд.